**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаҳои фаъолият дар соли 2023)**

***Муаллиф ва тартибдиҳанда: Фавзия Назарова***

Гузориши мазкур дар асоси маълумоте омода шудааст, ки аз ҷониби ташкилотҳои узви Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дар омода намудани фаслҳои гузориш ширкат варзиданд: Нигина Баҳриева, Нурмаҳмад Халилов, Гулчеҳра Холматова, Парвина Наврӯзова, Гулчеҳра Раҳмонова, Шоира Давлатова.

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| | Муқаддима | 5 |
| 1 | Ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятноки фаъолият | 6 |
| 2 | Сохтори Эътилоф | 7 |
| 3 | Натиҷаҳои асосии фаъолияти Эътилоф дар соли 2023 | 8 |
| 3.1. | Ҷорӣ намудани низоми офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона | 12 |
| 3.2. | Кӯмаки ҳуқуқӣ | 13 |
| 3.3. | Мониторинги муассисаҳои пӯшида | 19 |
| 3.4. | Гурӯҳи расонаӣ | 20 |

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

АНМН – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ

ДИДҲИ – Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҚДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

СРИҶҶ– Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ

ГКҲ – Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ

ГОШ – Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ТСТ – Ташхиси судиву тиббӣ

КҲИ – Кумита оид ба ҳуқуқи инсон

ШИМ – Шахси дорои имкониятҳои маҳдуд

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ

КБСС – Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх

ВМ – Вазорати мудофиа

ТҶБ - Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ

ҲБҲИ – Ҳамкории байналмилалӣ барои ҳуқуқи инсон

ИБЗ – Ислоҳоти байналмилалии зиндонҳо

ВА – Вазорати адлия

ТҒД – Ташкилоти ғайридавлатӣ

ММП – Механизми миллии пешгирӣ

ТҶ – Ташкилоти ҷамъиятӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

ШВКД – Шӯъбаи вазорати корҳои дохилӣ

СММ – Созмони милали Муттаҳид

ФҶ – Фонди Ҷамъиятӣ

БРСММ – Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ТТ – Тавқифгоҳи тафтишотӣ

ПИ – Протоколи Истамбулӣ

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИҶК БМ – Институти "Ҷамъияти Кушода" - Бунёди мадад

ТНМ – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ

ДИ ПҶТ – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУ – Муассисаи ислоҳӣ

ИКОҲИ – Идораи Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон

КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

ТДУ– Тафсири даврии универсалӣ

ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ПФКЗШ – Протоколи факултативии Конвенсияи зидди шиканҷа

ОМ – Осиёи Марказӣ

ЮНДЕФ – Хазинаи демократияи СММ

ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони СММ

**Ихтисораҳо бо забони англисӣ**

USD – доллари ИМА

DCAF – Маркази назорати демократӣ аз болои қувваҳои мусаллаҳ

DFID – Департаменти рушди байналмилалӣ

ABA/ROLI – Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико/Ташаббуси волоияти қонун

NED – Фонди миллии дастгирии демократия

## МУҚАДДИМА

Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2011 баҳри муттаҳид сохтани талошҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Дар ин муддат Эътилоф ба сохтори ба таври муназзам амалкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф шудааст. Эътилоф платформаи муҳим ва фазои бехатар барои тамоми аъзои он буда, дар доираи он имкон барои дастгирӣ, гирифтани маслиҳати касбӣ, машварат, баланд бардоштани малакаи касбии хеш, муттаҳид сохтани талошҳо ва баромад намудан бо як овоз ҷиҳати таъсиррасонии боз ҳам самаранок ба шахсони қарорқабулкунанда, қурбониён ва донорҳо фароҳам оварда мешавад. Шаффофияти фаъолият ва одоби касбӣ, принсипҳои бағоят муҳими фаъолияти Эътилоф ба ҳисоб меравaнд.

Аъзои Эътилоф ТҒД-ҳои пешбар дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бо таҷрибаи бисёрсола мебошанд, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда мешаванд ва дорои имкониятҳои муколама бо мақомоти давлатии кишвар буда, робитаҳои худро бо ВАО мустаҳкам менамоянд ва дар пешбурди фаъолият оид ба мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ нақши асосиро мебозанд. Эътилоф ба амаль намудани муҳокимаи ҷамъиятӣ оид ба масъалаи шиканҷа мусоидат намуда, дорои тасаввуроти хуби вазъ дар сатҳи инфиродӣ (кори бевосита бо қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо) ва сиёсӣ (таҳлили сиёсат, иштирок дар пешбурди сиёсат) буда, барои пешбурди тавсияҳои худ механизмҳои минтақавӣ ва байналмилалиро самаранок истифода мебарад.

Эътилоф дорои сомонаи худ www.notorturetj.org ва саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки воситаҳои фарогири иттилоотӣ оид ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон буда, дар онҳо мақолаҳо, ҳуҷҷатҳои барномавии дахлдор, натиҷаҳои таҳлил ва таҳқиқот, мусоҳиба ва дигар иттилооти заруриро пайдо кардан мумкин аст.

Саҳифаҳои Эътилоф дар Шабакаҳои иҷтимоӣ:
Facebook: https://www.facebook.com/notorture.tj
Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj
Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture-tj
Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj-rcJZqtw
Odnoklassniki: https://ok.ru/group/54476259131498
Телеграм: https://t.me/Notorturetjk
Instagram: notorture.tj

Дар соли 2023 фаъолияти умумии Эътилоф аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, Фонди Зигрид Раузинг Траст, Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон, Фонди ихтиёрии СММ оид ба дастгирии ҷабрдидагони шиканҷа, БРСММ, Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон, ЮНДЕФ, ҲБҲИ ва ғайра дастгирӣ карда шуд.
Лоиҳаи Фонди Зигрид Раузинг Траст маблағгузории муштаракро барои фаъолиятҳои ҷории ташкилотҳои узви Эътилоф таъмин карда, самтҳои нави фаъолиятро дастгирӣ менамояд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то ба мушкилоти пайдошуда фавран ва самаранок вокуниш нишон диҳанд ва имкониятҳоро барои пешбурди озодӣ аз шиканҷа истифода баранд. Лоиҳа инчунин ба рушди институтсионалии фаъолияти Эътилоф, рушди иқтидори аъзои он, инчунин таъмини амният ва некӯаҳволии шарикони он диққати махсус медиҳад.

## 1. ҲАДАФҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ

### 1.1. Эътилоф дар назди худ чунин ҳадафҳо мегузорад:

- Муттаҳид сохтани талошҳо ва талабот нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ташаккули сиёсати "таҳаммулпазирии сифрӣ" нисбати шиканҷа дар Тоҷикистон;
- Дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, равона намудани талошҳо ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ.

### 1.2. Афзалиятҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф:

Самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф аз инҳо иборатанд:

- Пешбурди ташаккули низоми самараноки вокуниш ба аризаҳо оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили таҳқиқи шиканҷа дар Тоҷикистон
- Пешбурди стандартҳои Протоколи Истамбулӣ дар қонунгузорӣ ва амалия, аз ҷумла, ташкил намудани институти мустақили ташхиси судиву тиббӣ
- Пешбурди ташаккули институти назорати ҷамъиятӣ аз болои ҷойҳои маҳдуд ва маҳрум сохтан аз озодӣ
- Пешбурди такмили механизмҳои самараноки ҷуброни зарар ба қурбониёни шиканҷа ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла ҷуброни одилона ва кофӣ бо назардошти воситаҳои барои офиятбахшии эҳтимолан мукаммалтар.

Дар соли 2022 Эътилоф амалисозии фаъолияти зеринро идома дод:

- Сомонаи Эътилоф www.notorturetj.org дар робита ба боздошти фаъолияти Гурӯҳи расонаӣ аз моҳи феврал то моҳи декабри соли 2023 фаъолият накард.
- Пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф имкон медиҳад, ки дар бораи вазъи шиканҷа дар кишвар маълумоти мустақим ба даст орад, дар ҳоле ки пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ имкони ноил шудан ба ташаккули амалияи устувори татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оиди ҳимояи қурбониёни шиканҷа, инчунин амалияи пардохти ҷуброн ба қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо тибқи стандартҳои байналмилалиро фароҳам меорад.
- Анҷом додани мониторинги иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа, Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа аз рӯи натиҷаҳои сафарҳои ӯ ба Тоҷикистон.
- Омодасозии ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативии ба мақомоти СММ, инчунин дар доираи муколамаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқи инсон.
- Иштироки фаъолона дар пешбурди сиёсати миллӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа: таъсис додани институти мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, такмил додани қонунгузорӣ, тақвият бахшидани механизмҳо ва расмиёти ҷуброни зарар ба қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона.
- Баргузор намудани тренингҳо ва чорабиниҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои адвокатҳои амалкунанда ва намояндагони касбҳои ҳуқуқӣ.
- 

## 2. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Эътилоф намояндагони ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони алоҳидаеро, ки фаъолиятро дар соҳаи мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона амалӣ мекунанд, муттаҳид месозад ва дар асоси **Қоидаҳо ва принсипҳои мувофиқашудаи иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Стратегия амал менамояд.**

Аъзо ва шарикони Эътилоф (дар санаи 31 декабри соли 2023) инҳо мебошанд:

- Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳуқуқи дастрас"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳимояи ҷомеа тибқи қонун"
- ТҶ Созмони занони маъюб "Иштирок"
- ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Машваратчиёни ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Ибтидо"
- Ташкилоти ҷамъиятии "Наҷоти кӯдакон"
- Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
- ТҶ "Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон"
- ТҶ "Отифа"
- ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ"
- Фонди ҷамъиятии "Ташаббуси ҳуқуқӣ"
- ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
- Аскар Турсунов, адвокат
- Зоир Раззаков, коршиноси тиббӣ
- Наргис Ҳамрабаева, рӯзноманигор
- Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
- Умед Ниёзов, адвокат
- Шӯҳрат Саидов, адвокат

Адвокат Самадова Дилафрӯз аз соли 2023 узви Эътилоф дар ҳайати ТҶ "Ҳимояи ҷомеа тибқи қонун" мебошад.
ТҶ “Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир” ва ТҶ “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” бинобар барҳамхӯрӣ узви Эътилоф нестанд.
Адвокат Шарипов Абдураҳмон ва рӯзноманигор Хоҷаев Фазлиддин бо хоҳиши худ аз ҳайати Эътилоф баромаданд.

### 2.1. Гурӯҳҳои корӣ ва мақомоти роҳбарикунанда:

**Шӯрои Эътилоф -** тамоми аъзо ва шарикони ҷории Эътилоф
**Ҳамоҳангсози Эътилоф –** Нурмаҳмад Халилов, ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
**Маркази таҳлилӣ –** Нигина Баҳриева, Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
**Гурӯҳи оид ба мониторинги ҷойҳои маҳрум ва маҳдуд сохтан аз озодӣ –** Фарҳод Бобоев, ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
**Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ –** Гулчеҳра Холматова, ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"
**Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо –** Гулчеҳра Раҳмонова, ФҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ" (дар асоси Стратегия амал мекунад).
**Гурӯҳи расонаӣ** - Дар асоси ҳалномаи суд аз 26 январи соли 2023 дар бораи барҳам додани Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” - узви Эътилоф, фаъолияти Гурӯҳи расонаӣ дар соли 2023 муваққатан боздошта шуд.

## 3. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ДАР СОЛИ 2023

Дар соли 2023 фишор ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон идома ёфт, ки ба фаъолияти Эътилоф таъсири манфӣ расонд. Боз як ташкилоти узви Эътилоф – ТҶ “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” (ММҲҲИ) бо қарори суд аз 26 январи соли 2023 барҳам дода шуд. Барҳамдиҳии ин ташкилот фаъолияти Гурӯҳи расонаии Эътилофро, ки тайи 10 соли охир аз ҷониби ММҲҲИ ҳамоҳангсозӣ мешуд, комилан қатъ карда, ҳамчунин боиси аз Эътилоф хориҷшавии ду шарики инфиродии марбут ба фаъолияти ин ташкилот гардид.

Тибқи маълумоти расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нимаи аввали соли 2023 240 ташкилот барҳам дода шуд, ҳамзамон 15 ТҒД бо қарори суд барҳам дода шуданд ва боқимонда "бо хоҳиши худ" баста шуданд. Дар маҷмӯъ, дар якуним соли охир **дар кишвар зиёда аз 700 ТҒД барҳам дода шуд**[1].

Дар натиҷаи ин рӯйдодҳо, ташкилотҳои узви Эътилоф маҷбур шуданд, ки баъзе самтҳои фаъолияти худро муваққатан боздоранд. Дар давраи ҳисоботӣ шумораи ҳолатҳои ҳуҷҷатгузоришудаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона коҳиш ёфтааст, ки ин ҳамчунин ба он вобаста аст, ки бисёре аз қурбониён ва хешовандони онҳо бинобар тарси интиқом ва фишори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷуръат намекунанд, ки оиди ҳодисаи рӯйдода хабар диҳанд. Илова бар ин, бисёр парвандаҳои ҷиноии марбут ба ҳолатҳои эҳтимолии шиканҷа махфӣ мебошанд ва адвокатҳо маҷбур мешаванд, ки созишномаҳои оиди фош накардани маълумотро дар робита ба парвандаҳое, ки онҳо пеш мебаранд, имзо кунанд, ки дастрасии аҳли ҷомеаро ба иттилоот оиди рафти баррасии парванда маҳдуд месозад.

Бо вуҷуди ин, ташкилотҳои узви Эътилоф фаъолияти худро идома дода, масъалаҳои озодӣ аз шиканҷаро ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар амал пеш бурданд. Яке аз дастовардҳои муҳим ҷиҳати пешбурди такмили қонунгузорӣ оиди озодӣ аз шиканҷа ин эътибор пайдо кардани **Кодекси нави граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон** моҳи июли соли 2023 ба ҳисоб меравад, ки дар он муқаррарот дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ аз рӯи парвандаҳои марбут ба шиканҷа оварда шудааст. Тибқи муқаррароти нав, шиканҷа асос барои талаби ҷуброни зарари маънавӣ буда, ба ҳайси ҷавобгар дар парвандаҳо оиди ҷуброни зарари маънавӣ ва моддӣ дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқи инсон мақомотҳои давлатӣ (на шахсони мансабдори алоҳида) баромад мекунанд. Ҳамин тавр, дар айни замон қонунгузории Тоҷикистон дар маҷмӯъ ба стандартҳои байналмилалии ҳимоя аз шиканҷа ҷавобгӯ мебошад.

Боз як рӯйдоди мусбӣ ин санаи 5 августи соли 2023 қабул шудани **Стратегияи миллӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2031** ва нақшаи аввалини амал оид ба татбиқи он мебошад. Асоси ин стратегия соли 2017 гузошта шуда, раванди мазкур ҳамкории зич байни гурӯҳи кории ҳукуматӣ, ки барои таҳияи он масъул аст ва ташкилотҳои узви Эътилофро дар бар мегирифт. Дар асл, аксарияти тавсияҳои дар рафти таҳия пешниҳоднамудаи аъзои Эътилоф ба санади ниҳоӣ дохил карда шуданд. Самтҳои стратегии стратегия аз таҳияи низоми самараноки пешгирӣ, тафтиш, таъқиб ва муҳофизат аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона, инчунин пешниҳоди воситаҳои самараноки ҷуброн,

[1] https://www.asiaplustj.info/en/news/tajikistan/society/20230817/almost-700-ngos-have-been-liquidated-in-tajikistan-why-is-it-bad-and-where-are-we-going

аз ҷумла ҷубронпулӣ ва офиятбахшӣ барои қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва аъзои оилаи онҳо иборат мебошанд.

Дастовардҳои асосии Эътилоф дар соли 2023:

- Афзоиши шумораи парвандаҳои стратегӣ тибқи моддаи 143 (1) ("Шиканҷа") ва моддаи 316 ("Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ")-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Афзоиши шумораи мурофиаҳои судӣ, ки дар рафти онҳо шахсони ба шиканҷа роҳдода ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд. Дар давраи ҳисоботӣ нисбати 5 корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи моддаи 143(1) ("Шиканҷа")-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд. Ҳамаи айбдоршавандагон гунаҳкор дониста шуда, ба мӯҳлатҳои гуногуни маҳрум сохтан аз озодӣ ба адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр маҳкум карда шуданд.
- Эътилоф дар такмили қонунгузорӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Ҳамин тариқ, тибқи муқаррароти **Кодекси нави граждані** шиканҷа акнун барои талаб намудани ҷуброни зарари маънавӣ асос буда, таҳрири нави **Кодекси ҷиноятии** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро барои истифодаи шиканҷа сахттар кардааст. Аз ҷумла, шахсони ба шиканҷа роҳдода бо сабаби пушаймонии сидқан аз кирдор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешаванд ва нисбати ҷинояти марбут ба шиканҷа мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан татбиқ карда намешавад.
- Аз соли 2004 инҷониб бори аввал ба Эътилоф муяссар шуд, ки ба муассисаҳои пӯшида барои гузаронидани мониторинги мустақил дастрасӣ пайдо кунад ва инчунин Эътилоф дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ оид ба ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузошт.
- Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф 16 муроҷиатро оид ба истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона **ҳуҷҷатгузорӣ кардааст**, ки аз онҳо 5 муроҷиат аз ҷониби занон ва 2 муроҷиат нисбат ба ноболиғон мебошад. Адвокатҳои ҷалбшуда манфиатҳои қурбониёни шиканҷаро дар рафти тафтишот ва мурофиаҳои судӣ аз рӯи 8 парванда ҳимоя карданд, ки сетои онҳо аз соли гузашта идома доранд.
- 7 **мониторинги мурофиаҳои судӣ** оид ба истифодаи шиканҷа анҷом дода шуд.
- 21 нафар, аз онҳо 12 нафар мард (аз ҷумла 3 ноболиғ) ва 9 нафар занон аз **офиятбахшӣ** гузаштанд. Аз шумораи умумии қурбониён 11 нафар қурбониёни бевоситаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва 10 нафар хешовандони қурбониёни шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд.

  Дар соли 2023, **Гурӯҳи мониторингӣ** як қатор чорабиниҳоро бомуваффақият анҷом дод, аз ҷумла семинарҳои омӯзишӣ ва сафарҳои омӯзишӣ, ки ба баланд бардоштани малака ва дониши аъзои он мусоидат намуд. Масалан, аз 27 июн то 4 июли соли 2023 дар Варшава семинар оид ба рушди иқтидор барои аъзои гурӯҳи мониторинг ташкил карда шуд. Семинари мазкур, ки аз ҷониби коршиносони Фонди Ҳелсинкии Лаҳистон оид ба ҳуқуқи инсон гузаронида шуд, омӯзиши амиқи аъзои Гурӯҳи мониторингиро ҷиҳати анҷом додани мониторинги босифати вазъи маҳбасҳо ва муассисаҳои касалиҳои рӯҳии Тоҷикистон таъмин намуд. Ташаббуси мазкур ба пешбурди ҳуқуқи инсон ва беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ дар ин муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

## ПЕШБУРДИ МАСЪАЛАҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар давраи ҳисоботӣ Эътилоф дар якҷоягӣ бо Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Белгия) гузориш барои Рӯйхати масъалаҳо ба Кумитаи СММ оид ба рафъи табъиз нисбати занон (CEDAW) барои воҳӯрии 87-уми пеш аз ҷаласаи гурӯҳи корӣ, ки аз 30 май то 02 июни соли 2023 баргузор шуд, омода кард. Гузориш ба масъалаи шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ нисбати занон дар Тоҷикистон бахшида шуда буд. Дар он шарҳи вазъи шиканҷа ва муносибати бераҳмона оварда шуда, мушкилоти мушаххасе баён шудаанд, ки занон ба онҳо дучор мешаванд ва мисолҳо ва ҳолатҳои воқеӣ оварда шудаанд, ки дар онҳо занони тоҷик қурбонии амалҳои худсаронаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гаштаанд. Инчунин, дар ин гузориш дағдоркунӣ ва табъизе, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст, баррасӣ карда шуд, ки аксаран ба қурбониёни амалҳои худсаронаи милитсия барои ба даст овардани адолат монеъ мешавад. Илова бар ин, намояндагони Эътилоф дар Воҳӯрии пеш аз ҷаласаи гурӯҳи кории CEDAW иштирок карданд, ки дар он гузоришро пешниҳод карда, ба саволҳои иловагии аъзои Кумита посух доданд.

Дар соли 2023 Эътилоф фаъолияти пурамалро оид ба пешбурди масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа дар платформаҳои гуногун, аз ҷумла Муколама оид ба ҳуқуқи инсон байни ИА ва Тоҷикистон, ки 14 декабри соли 2023 дар Душанбе баргузор шуд, идома дод. Дар якҷоягӣ бо Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҲБҲИ), Эътилоф брифингро[2] бахшида ба вазъи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, инчунин шароит дар муассисаҳои пӯшида бо мақсади ҷалби таваҷҷӯҳ ба вайронкуниҳои ҷиддии ҳуқуқи инсон ва фароҳам овардани замина барои муҳокимаи васеътар ва андешидани чораҳо барои беҳтар кардани вазъ омода кардааст.

Аъзои Эътилоф инчунин дар рафти брифинги расмӣ барои ТҒД дар арафаи муколама, инчунин дар рафти семинар барои ҷомеаи шаҳрвандии ИА-Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ байни ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои давлатӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда буд, иштирок намуданд, ки дар он ҳамчунин масъалаи талошҳои муштарак оиди аз байн бурдани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон ба миён гузошта шуд. Хусусан, дар суханронии худ оиди ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо дар пешбурди тафтиши самараноки парвандаҳои шиканҷа ва мониторинги муассисаҳои пӯшида, Нурмаҳмад Ҳалилов, роҳбари Эътилофи бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ, аҳамияти гузаронидани муколамаҳо ва мизҳои мудавварро барои муҳокимаи мушкилоти мубрами ин соҳа таъкид намуд. Ӯ қайд кард, ки Эътилоф фаъолона бо такмили қонунгузорӣ ва гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои гурӯҳҳои асосии аҳолӣ машғул аст. Бо вуҷуди ин, Эътилоф бо мушкилоте ба монанди набудани майдонҳои доимии муколама ва мушкилии ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, алалхусус дар минтақаҳо, дучор мегардад. Нурмаҳмад Ҳалилов барои таъсис додани низоми самараноки муколама ва ҳамкорӣ, ки ба ҳалли самараноктари мушкилоти марбут ба ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад, даъват кард.

[2] https://iphronline.org/wp-content/uploads/2024/01/iphr-submission-hrd-2023-torture.pdf

## ҲАМКОРӢ БО МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ

Эътилоф ҳамкории фаъолро бо мақомоти мухталифи давлатӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи пешгирии шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона ва ҷазо идома медиҳад. Ба ин баргузор намудани тренингҳо ва семинарҳо барои намояндагони мақомоти давлатӣ, таҳлил ва такмили қонунгузорӣ, инчунин ташкили мизҳои мудаввар ва конфронсҳои муштарак дохил мешаванд.

**Пешбурди ҳамкорӣ бо Вазорати адлия**

Эътилоф ба роҳ мондани ҳамкориҳоро бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд СРИҶҶ ВА ҶТ) идома медиҳад. Аз 27 феврал то 4 марти соли 2023 сафари омӯзишӣ барои намояндагони СРИҶҶ ВА ҶТ ва аъзои Гурӯҳи мониторингӣ ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Лаҳистон баргузор гардид. Дар натиҷаи ин сафар созишнома оиди рушди ҳамкорӣ дар соҳаи такмили низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ байни мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Лаҳистон ба даст омад.

Чорабиниҳои таълимӣ як қисми равиши стратегӣ оид ба масъалаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, ки вазъро ҷиҳати эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ тағйир медиҳанд.

- Чорабиниҳо оид ба таҳияи барномаҳои таълимӣ ва модулҳо оид ба ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва идоракунии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва амалияи пешрафтаи идоракунии маҳбасҳо асос ёфтаанд, гузаронида мешаванд.
- Дар доираи чорабиниҳои таълимӣ оид ба рушди иқтидор ва омӯзиши кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба стандартҳои байналмилалӣ соли 2023 на камтар аз 100 нафар кормандони муассисаҳои ислоҳӣ аз мастер-классҳо гузаштанд. Семинарҳо ба офиятбахшӣ ва ҳамгироии маҷмӯии шахсони маҳкумшуда бахшида шуданд.
- Дар муассисаҳои ислоҳӣ барои на камтар аз 400 маҳкумшуда, аз ҷумла 200 нафар занон, сеансҳои офиятбахшии равонӣ гузаронида шуданд.

**Ҳамкории Эътилоф бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома меёбад**. Эътилоф оғоз аз соли 2022 ба муассисаҳои касалиҳои рӯҳӣ (МР) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани мониторинги вазъ бо риояи ҳуқуқу кафолатҳои шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ва дар МР қарордошта, аз ҷумла озодӣ аз зӯроварӣ, ҳуқуқ ба ҷойгиркунии қонунӣ дар МР, хизматрасонии моддию маишӣ, ташкили ғизои шифобахш, шароити нигоҳдории шахсон ва ташкили кори кормандони МР дастрасӣ пайдо намуд.
Соли 2023 чорабиниҳои таълимӣ оид ба рушди иқтидори аъзои Гурӯҳи мониторингии муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ аз рӯи стандартҳои кӯмаки тиббии рӯҳӣ ва ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ гузаронида шуданд.

**Ҳамкории Эътилоф бо Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Эътилоф чорабинҳои таълимиро барои ҳуқуқшиносон ва адвокатҳои амалкунанда баргузор менамояд. Дар соли 2023 барои 60 нафар адвокатҳо (аз онҳо 50 нафар мард ва 10 нафар зан) тренингҳо оид ба ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона тибқи стандартҳои Протоколи Истамбулӣ баргузор шуданд. Инчунин 20 нафар адвокатҳо аз омӯзиш оид ба масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ ба қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо гузаштанд.

## 3.1. ҶОРӢ НАМУДАНИ НИЗОМИ ОФИЯТБАХШИИ ҚУРБОНИЁНИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Ҳадафи Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзоёни оилаи онҳо расонидани кӯмаки ҳадди аксари имконпазир ба қурбониён дар барқароркунии мустақилӣ ва қобилиятҳои ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, инчунин ҳамгироии пурраи иҷтимоӣ ва иштироки онҳо дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

ГОҚ фаъолияти худро дар ҳамкории зич бо Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф амалӣ месозад. Пас аз гирифтани ариза дар бораи истифодаи эҳтимолии шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона ва ҳуҷҷатгузории он ГКҲ, бо розигии қурбонии эҳтимолии шиканҷа ва/ё аъзои оилаи онҳо, онҳо ба ГОҚ барои гирифтани хизматрасонии офиятбахшӣ равона карда мешаванд.

**Офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо**

Дар давраи ҳисоботӣ 21 нафар ба офиятбахшӣ ворид шуданд, аз онҳо 12 нафар мард (аз ҷумла 3 ноболиғ) ва 9 нафар зан. Аз шумораи умумӣ 11 нафар-қурбониёни бевоситаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва 10 нафар хешовандони онҳо мебошанд. Аз 21 нафар шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо 6 нафарашон такроран аз курси офиятбахшӣ гузаштаанд.

**Кӯмаки тиббӣ**

Дар натиҷаи ташхис дар қурбониён ва хешовандони онҳо осебҳои зерини дорои хусусияти тиббӣ ошкор гаштанд: баланд шудани фишори шараёнӣ, дарди дил, дарди сутунмӯҳра, баланд шудани қанд дар хун, лат хӯрдани мағзи сар, дарди пой ва зонуҳо, дард ҳангоми пешобкунӣ, дард дар қафаси сина, тангии шадиди нафас. Пас аз муоинаи терапевт, невропатолог, кардиолог, ортопед, травматолог ва эндокринолог тавсияҳо дар шакли табобати амбулаторӣ ва статсионарӣ дода шуданд.

Ба 21 нафар кӯмаки тиббӣ расонида шудааст, ки аз намудҳои зерини кӯмак иборат аст (13 ҳолатҳо):

- Муолиҷаи амбулаторӣ – 20 нафар
- Муолиҷаи статсионарӣ – 1 нафар
- Муоинаи тиббӣ – 21 нафар
- Физиотерапия ва маҳс – 4 нафар
- Доруворӣ – 30 нафар
- Муолиҷаи осоишгоҳӣ- курортӣ – 2 нафар.

**Осебҳои равонии дар натиҷаи шиканҷа расонидашуда**

Дар натиҷаи истифодаи шиканҷа, қурбониён дар ҳолати изтироб ва тарси пайваста аз ҳисоби ба хотир овардани ҳодисаҳои нороҳаткунанда аз шиканҷа қарор дошта, ба мушкилоти равонии зерин дучор шуданд: канораҷӯӣ, хоҳиши танҳо будан, бехобӣ ё хоби ноором, асабоният, изтироб, хашмгинӣ, зудранҷӣ, сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ, ҳисси дилхунукӣ, набудани иштиҳо, фаромӯшхотирӣ, гирёнӣ, нобоварӣ ба одамон, рӯҳафтодагӣ. Инчунин ташаннуҷи дохилии равонӣ дар фосилаи тӯлонии вақт, хоҳиши канораҷӯӣ аз одамон ва ҷомеа.

**Кӯмаки равонӣ ба 17 нафар шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо расонида шуд (13 ҳолатҳо):**

- Арзёбии ибтидоӣ – 17;
- Хулосаи вазъи равонӣ – 17;
- Сеансҳои равонӣ – 17;
- Омодасозии хулосаҳои равонӣ пеш ва баъд аз офиятбахшӣ – 17;
- Курси такрорӣ оид ба офиятбахшӣ – 5;
- Машварати адвокатҳо оид ба ташхиси равонӣ барои муайян кардани зарари маънавӣ – 1;

**Кӯмаки иҷтимоӣ**

Кӯмаки иҷтимоӣ ба 21 нафар шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо расонида шуд (13 ҳолатҳо).

- Гузаронидани арзёбии ибтидоӣ ва муайян намудани эҳтиёҷоти қурбонӣ – 21;
- Таҳияи нақшаи инфиродии кор бо қурбонӣ ва мувофиқа намудани он бо дигар мутахассисон – 16;
- Дастгирии иҷтимоии қурбониён ва/ё аъзои оилаи онҳо – 21;
- Расонидани кӯмак ба қурбонӣ оиди масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ (шуғл, таҳсил, нафақа, ёрдампулӣ ва ғайра) – 10;
- Пешбурди кейс-менеджмент барои ҳар як қурбонӣ-21;
- Даъват намудани консилиум ва бурдани протокол аз рӯи ҳар як ҳолат – 21.

## 3.2. КӮМАКИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ (ГКҲ) ба пешбурди ташаккули низоми вокуниши самаранок ба аризаҳо оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти шиканҷа дар Тоҷикистон, инчунин ба ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба расонидани кӯмаки амалии ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва аъзоёни оилаи онҳо равона шудааст.

Вазифаҳои асосии ГКҲ аз инҳо иборат мебошанд:

- муайян намудани миқёси паҳншавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- муайян намудани тартибот ва механизми ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё ба хешовандони онҳо, гузаронидани мурофиаҳои судии стратегӣ;
- таҳияи қоидаҳо ва шартҳои ҳамкорӣ бо адвокатҳо оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои узви Эътилоф оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- пешбурди ташаккули механизмҳои вокуниш ва тафтишоти самараноки шиканҷа.

Ба ҳайати Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ташкилотҳои узв ва шарикони Эътилоф дохил мешаванд, ки вобаста ба масъалаҳои пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд. Аъзои ГКҲ ба ҳамдигар дар рушди иқтидор вобаста ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории шиканҷа, стратегияҳо ва усулҳои ҳифзи қурбониёни шиканҷа, расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои осебпазири

алоҳида, инчунин дар мубодилаи таҷрибаҳои муваффақ мусоидат мекунанд. Ба Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ташкилотҳои зерин дохил мешаванд:

- ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"
- ФҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ"
- ТҶ "Ҳуқуқи дастрас"
- ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ"
- ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон";
- Шарикони Эътилоф (Умед Ниязов, Аскар Турсунов)

Котиботи ГКҲ аз ҳамоҳангсоз, ду мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории шиканҷа иборат аст.
Дар соли 2023 фаъолияти ГКҲ аз ҳисоби манбаҳои зерин дастгирӣ карда мешуд:

1. Дафтари барномавии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Тоҷикистон дар доираи барномаи "Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон" аз 1 август то 30 ноябри соли 2023.
2. Фонди Зигрид Раузинг Траст аз 1 январ то 31 июли соли 2023

Дар соли 2023 ГКҲ фаъолиятро идома дод, ки ба иҷро намудани корҳои зерин равона шуда буд:

- ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ба Эътилоф имкон медиҳад, ки дар бораи вазъи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар кишвар маълумоти бевосита ба даст орад, дар ҳоле ки пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ имкони ноил шудан ба ташаккули амалияи устувори татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи қурбониёни шиканҷа, инчунин амалияи пардохти ҷубронпулӣ ба қурбониёни шиканҷа ва хешовандони он тибқи стандартҳои байналмилалиро фароҳам меорад;
- омодасозии ҳуҷҷатҳо барои сохторҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон якҷоя бо Гурӯҳи таҳлилии Эътилоф.

### 3.2.1. Ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона

Дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2023 аз ҷониби котиботи Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои узви Эътилоф 16 мурочиатҳо оиди масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, аз ҷумла 5 мурочиат аз занон ва 3 аз ноболиғон, ҳуҷҷатгузорӣ гардидааст. Корҳо аз рӯйи 3 парвандаи солҳои гузашта идома дода мешаванд.

| | Минтақаҳо | | | | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | НТҶ | Вилояти Хатлон, ВМКБ | Вилояти Суғд | |
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ гардиданд | 2 | 0 | 7 | 7 | **16** |
| Адвокат пешниҳод гардид | 1 | 0 | 6 | 1 | **8** |
| Дастгирии ҳуқуқӣ | 1 | 0 | 1 | 2 | **4** |
| Мониторинги кори адвокатҳо | 1 | | 1 | 2 | **4** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар марҳилаи ҳуҷҷатгузорӣ аз кӯмаки ҳуқуқӣ даст кашиданд | | | 3 | 1 | **4** |
| Машварат пешниҳод гардид, ҳуҷҷатҳо тартиб дода шуданд | 30 вохӯрии машваратӣ бо адвокатҳо баргузор гашт<br>83 машварати шифоҳӣ пешниҳод гардид,<br>65 ҳуҷҷати хаттӣ тартиб дода шуд | | | | |

**Намудҳои асосии вайронкунии ҳуқуқи инсон дар рафти ҳабс ва гузаронидани тафтишот**: боздошти ғайриқонунӣ ва худсарона; зӯроварии ҷисмонӣ дар шакли лату кӯб, шиканҷа бо ҷараёни электрикӣ; таҳдидҳои таҷовуз ба номуси худи қурбонӣ ва/ё аъзоёни оила; тарсондан бо нигоҳдорӣ дар ҳабс.

Шиканҷа ва муносибати бераҳмона бо мақсади ба даст овардани нишондодҳои иқроршавӣ, ҷазо барои амалҳои муайян ё ҳамчун чораи ромкунӣ ва таҳқири шаъну шараф истифода бурда мешаванд.

**Гурӯҳҳои синнусолии қурбониён:**

То 18-сола: 3 нафар
19-34: 2 нафар
35-45: 7 нафар
46-60: 5 нафар

Аризаҳо оиди истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба **мақомоти** давлатии зерин ворид гардиданд:

- ВКД – 15
- КДАМ - 1

**Машваратҳои ҳуқуқӣ**

Мутахассисон оиди ҳуҷҷатгузории шиканҷа: Дар ГКҲ се телефони тамоси фаврӣ амал мекунанд: дар вилояти Суғд (987873333), дар вилояти Хатлон (987876666), дар шаҳри Душанбе ва НТҶ (987087676). Телефонҳо шабонарӯз, аз ҷумла дар рӯзҳои истироҳат ва ид дастрас мебошанд.

Дар маҷмӯъ 83 машварати шифоҳӣ пешниҳод кард шуд, 30 вохӯрӣ бо адвокатҳо гузаронида шуд ва 4 мушоиат ба Прокуратураи Генералӣ, Дастгоҳи иҷроияи президент, дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Хадамоти амнияти ВКД Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. 65 ҳуҷҷати мурофиавии хаттӣ тартиб дода шуд.

**Мониторинги ҷаласаҳои судӣ**

*Мониторинги мурофиаҳои судӣ.* Дар давраи ҳисоботӣ 7 мониторинги ҷаласаҳои судӣ аз рӯи ду парванда гузаронида шуд.

**Хулосаҳои асосӣ:**

Дар маҷмӯъ, дар рафти мурофиаи судӣ меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ риоя карда шуданд ва тарафҳои мурофиа дар доираи қонун амал мекарданд. Бо вуҷуди ин, вайронкуниҳои зерин ошкор карда шуданд:

- Аксарияти ҷаласаҳои судӣ дер оғоз меёфтанд. Панҷ аз 7 ҷаласаи судӣ 30 дақиқа дертар оғоз гардида, 2 ҷаласаи боқимонда бо таъхири назаррас аз 1,5 то 2 соат оғоз ёфтанд. Сабаби таъхир дар аксар ҳолатҳо шарҳ дода намешуд.
- Судяҳо ба зангҳои телефонӣ ҷавоб медоданд ва бо дигар кормандони судҳо, ки ба мурофиа дахл надоштанд, муошират мекарданд.
- Барои шахсони дорои имконияти маҳдуд дастрасӣ ба биноӣ суд маҳдуд аст: пандусҳо ва лифтҳо мавҷуд нестанд, даромадгоҳ аз зинапоя оғоз меёбад. Ҳоҷатхонаҳо барои иштирокчиён бастаанд, оби нӯшокӣ дастрас нест.
- Судяҳо қабули қарорҳоро аз рӯи як қатор дархостҳои адвокатҳо ба ҷаласаҳои минбаъда ба таъхир гузошта, бо ин роҳ қонунгузории мурофиавӣ ва стандартҳои байналмилалиро вайрон карданд.
- Дар биноӣ судҳо шароити мувофиқ мавҷуд нест: дар фасли зимистон толорҳо гарм карда намешаванд ва дар фасли тобистон хунук карда намешаванд.
- Нозирон нобаробарии иштирокчиёни мурофиаи судиро ошкор карданд: намояндагони давлатӣ, кормандони милитсия аз телефонҳои худ истифода мебурданд, ҳол он ки дигар иштирокчиёни суд дар даромадгоҳ кофтуков гардида, дар натиҷаи он телефонҳои мобилии онҳо мусодира карда мешуданд. Ҷузвдонҳои адвокатҳо низ тафтиш карда мешуданд.

**Вохӯриҳои машваратӣ**

ГКҲ мунтазам вохӯриҳои машваратӣ бо гурӯҳҳои мухталиф анҷом медиҳад:

- Бо адвокатҳое, ки парвандаҳои Эътилофро пеш мебаранд.
- Бо коршиносони соҳаҳои гуногуне, ки ба парвандаҳои ГКҲ алоқаманданд.
- Бо ташкилоти ғайридавлатӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ноҳиявӣ ва соҳавӣ, ки дар аз нав равонасозии қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба Эътилоф иштирок мекунанд.
- Бо ташкилотҳои адвокатӣ, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдаст.
- Бо Марказҳои кӯмаки ҳуқуқии ройгон, ки дар назди ВА ҶТ таъсис дода шудаанд.

Дар давоми соли 2023 30 вохӯрии машваратӣ бо адвокатҳо барои муҳокимаи стратегияҳо дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз рӯи парвандаҳои ГКҲ гузаронида шуд.

Инчунин вохӯриҳои иттилоотии корӣ дар минтақаҳо бо адвокатҳо ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ошкор намудани парвандаҳо вобаста ба ҳолатҳои шиканҷа ва баррасии имконияти ҳамкории минбаъда бо адвокатҳои вилояти Суғд ва дигар шаҳру ноҳияҳо ташкил карда шуданд. Иштирокчиёни вохӯрӣ оиди самтҳои асосии фаъолияти ГКҲ дар доираи Эътилоф огоҳ карда шуданд ва имкониятҳои ҳамкорӣ бо адвокатҳо, аз ҷумла иштироки онҳо дар парвандаҳои вобаста ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона муҳокима карда шуданд. Ба иштирокчиён маводи тақсимотӣ, аз ҷумла маҷмӯаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, варақаҳо ва кортҳои тиҷорати ГКҲ дода шуд.

**Мониторинги ВАО**

Дар давраи ҳисоботӣ мониторинги ВАО ва шабакаҳои иҷтимоии зерин гузаронида шуд: сомонаи "Радиои Озодӣ", сомонаи агентии иттилоотии мустақили "Азия Плюс", шабакаи иҷтимоии Facebook, инчунин сомонаҳои мақомоти давлатӣ ва дигар захираҳо. Ҳадафи мониторинг пайгирии нашриёт оиди далелҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба ҳисоб меравад:

- Розиқов А[3], Аз ҷониби мутахассис оиди ҳуҷҷатгузорӣ маълумот дар бораи шиканҷаи Розиков А ҳуҷҷатгузорӣ шуда, аз рӯи ин парванда адвокат ҷудо карда шуд.
- Шаҳбози Шарифбек, сокини шаҳри Ваҳдат навореро нашр кард[4], ки дар он аз муносибати бераҳмона нисбати модар, бибиаш ва худи ӯ аз ҷониби кормандони ҷамоат, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва нозири минтақавӣ шикоят кардааст. Ин шахсон бародарашро бо роҳи "облава" ба артиш бурда, ҳамзамон хешовандони ӯро бераҳмона латукӯб карданд. Мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ бо хабарнигорони "Радиои Озодӣ" тамос гирифта, маълумоти қурбониёни эҳтимолии муносибати бераҳмонаро барои тамос гирифт. Сарфи назар аз он ки мутахассис борҳо кӯшиш кардааст, ки ба қурбониёни эҳтимолӣ занг занад, рақамҳои телефонҳои пешниҳодшуда хомӯш шуда буданд.
- Ҳикматулло Наботов, сокини ноҳияи Мӯъминобод, дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз амали кормандони ШВКД-и маҳаллӣ шикоят кард[5]. Мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ ба ин маълумот зуд вокуниш нишон дода, ба рӯзноманигорони "Радиои Озодӣ" муроҷиат кард ва маълумоти тамосии хешовандони қурбониро ба даст овард. Ба хешовандон кӯмаки ҳуқуқӣ пешниҳод карда шуд, аммо баъдтар онҳо ба зангҳои кормандони ГКҲ ҷавоб надоданд.
- Сокини Хуҷанд Шаҳло Давлатова дар мусоҳиба бо "Радиои Озодӣ" изҳор дошт[6], ки муфаттиши ШВКД-и шаҳр барои озод кардани ӯ аз ҷавобгарӣ "30 ҳазор доллар" талаб карда, сипас ӯро таҷовуз кардааст. Мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ бо Адвокат И. Бобокалонов вохӯрд ва ӯ хабар дод, ки дар ҷаласаи суди шаҳри Хуҷанд 02.12.2022 Давлатова дар бораи таҷовуз ба номус ё шиканҷа аз ҷониби кормандони милитсия зикр накардааст. Инчунин дар рафти тафтишот ду маротиба бо ӯ дар ТТ-2 шаҳри Хуҷанд вохӯрд, аммо ӯ дар бораи таҷовуз ба номус ё шиканҷа хабар надод.
- Дар раванди мониторинги ВАО сомонаи "Азия-Плюс"[7] дар бораи сокини ш. Панҷакент, ки пас аз пурсиши ӯ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ худкушӣ кардааст, маълумот нашр кард. Дар раванди ҳуҷҷатгузории ҳолат аз ҷониби мутахассис, хешовандон аз кӯмаки ҳуқуқӣ даст кашиданд.
- 03.09.2023 дар шабакаҳои иҷтимоӣ маълумот дар бораи марги ногаҳонии яке аз гумонбаршудагони куштори бонкдор пайдо шуд[8], аммо хешовандон ин маълумотро рад

[3] https://www.google.com/amp/s/rus.ozodi.org/amp/32205494.html
https://www.google.com/amp/s/rus.ozodi.org/amp/32220830.html
https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/laworder/20230113/delo-abdukahhora-rozikova-protiv-odnogo-iz-treh-militsionerov-vozbudili-ugolovnoe-delo
https://asiaplustj.info/news/tajikistan/laworder/20230104/zhiteli-kulyaba-trebuyut-nakazat-vinovnih-v-gibeli-rodstvennika-mvd-prichina-smerti-peredozirovka-ot-amfetamina

[4] https://ds5x1xuqdxxo1.cloudfront.net/a/32665915.html

[5] https://www.instagram.com/p/CzvK0YpKMEG/?igshid=MzRlODBiNWFlZA==

[6] https://www.ozodi.mobi/a/32414007.html

[7] https://www.facebook.com/groups/centralasiannews/permalink/2474746946007148/?mibextid=Nif5oz

[8] https://l.facebook.com/l.php?u=https%3A%2F%2Frus.ozodi.org%2Fa%2F32576563.html%3Ffbclid%3DIwAR1p6rnDHjdC-8kvz5pwRJnv79BVsfkyX2jEBsomGhSFAISoX_qQR2WRPIk_aem_AXooPpPaJWIkffZhfmZnlhy4rayJB2bu543shABSYXKL4yfrMJmEacDWovr4wkgAGtQ&h=AT1khyrHDWPiW4GFcuRMYPTb8QlErrJabIERg6stwRkeLOFfdWH9pDygiENynS_CH9W1LIVuoycLiySzpPfOjP1I6KWei0jhLUhEzpMqvyHBUZB09OdyymKgyUci7AA&s=1

карданд. 05.09.2023 Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф изҳор дошт, ки гумонбаршуда дар асл боздошт шуда, дар тавқифгоҳи тафтишотӣ қарор дорад ва хабарҳо дар бораи марги ӯ ба далелҳои носаҳеҳ асос ёфтаанд.

- 02.12.2023 дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук наворе нашр шуд, ки дар он як ҷавон ба бадани наврас электрошокер мемонад[9]. Мутахассис оиди ҳуҷҷатгузорӣ муайян кард, ки нисбати сокини ш.Душанбе Фирдавси Қудратуллозода, ки аз электрошокер истифода бурдааст, РВКД-и ш. Душанбе тафтишотро оғоз кардааст.

**Нашрияҳо:**

1.Инфографика дар мавзӯи "Нақши адвокат дар мурофиаи судии ҷиноятӣ" омода гардида, сипас дар сомонаи Эътилоф нашр шуд https://notorturetj.org/photo/rol-advokata-v-ugolovnom-sudoproizvodstve

2. Баёнияҳои матбуотӣ оид ба парвандаи Ёдгоров Х. дар бораи гирифтани пардохти зарари маънавӣ, аз рӯи парвандаи Гадозода М., инчунин аз рӯи парвандаи Розиқов А. омода карда шуданд (маводҳои мазкур дар сомонаи Эътилоф дар робита ба қатъи фаъолияти Гурӯҳи расонаӣ нашр нашудаанд).

**Мушкилоти асосӣ:**

- Дар давраи ҳисоботӣ ГКҲ бо далелҳои даст кашидани қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо аз шикояти минбаъда аз болои амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар марҳилаҳои гуногуни парвандаи ҷиноятӣ дучор шуд.
- Адвокатҳо аз дастрасии фаврӣ ба ҳимояшавандаи худ маҳрум мебошанд, зеро маъмурияти ТТ иҷозати расмии хаттии муфаттишро талаб мекунад.
- Боздоштшудагонро гумроҳ мекунанд ё оиди озодшавӣ дар оянда дар сурати иқрор шудан фиреб медиҳанд.
- Маҷбур кардани ба додани нишондод бар зидди худ бо вайрон кардани моддаи 12 қисми 5 КМҶ ҶТ.
- Дархостҳои адвокатҳо дар бораи пешниҳоди сабтҳо аз камераҳои назоратӣ, маълумот аз кортҳои тиббии айбдоршавандагон ва иттилоот аз китоби боздоштшудагон дар раванди мурофиаи судӣ мадди назар карда мешаванд ва аксар вақт беҷавоб мемонанд, пас аз он онҳо рад карда мешаванд.
- Кашолдиҳии беасоси тафтиши пешакӣ оиди далелҳои истифодаи шиканҷа қайд карда шуд.
- Муфаттишон мунтазам дархостҳои адвокатҳоро оиди гузаронидани амалҳои иловагии тафтишотӣ рад мекунанд.
- Бехатарии қурбониёни шиканҷа ва шоҳидони асосӣ таъмин карда намешуд.
- Аз адвокатҳо бо истинод ба моддаи 177 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва моддаи 361 Кодекси ҷиноятӣ талаб карда мешавад, ки созишнома оиди фош накардани маълумоти дар раванди тафтиши пешакӣ гирифташударо имзо кунанд, ки амали ғайриқонунӣ аст. Чунин созишнома имкон намедиҳад, ки маълумоти пурра ва беғараз барои мониторинги парвандаҳои ҳуҷҷатгузоришуда пешниҳод карда шавад.

[9] https://www.facebook.com/groups/mikrofoniozod/permalink/3687788471449784/

- Дар баъзе ҳолатҳо адвокатҳо, ки бо масъалаҳои шиканҷа сарукор доранд, бинобар тарс аз фишори эҳтимолӣ аз ҷониби тафтишот аз ташаббускории иловагӣ худдорӣ мекунанд, ҳатто агар онҳо тибқи қонун ба он ҳуқуқ дошта бошанд.

## 3.3 МОНИТОРИНГИ МУАССИСАҲОИ ПӮШИДА

Дар аввали соли 2023 Гурӯҳи мониторингии иборат аз 7 нафар (3 нафар зан ва 4 нафар мард), намояндагони ташкилотҳои узви Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ ва шарикони Эътилоф таъсис дода шуд, аз ҷумла:

1. ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" - Наврӯзова П. ва Холмурзаев М.
2. ФҶ "Нотабене" - Наврузова А.
3. ТҶ "Ибтидо" - Раҳимова Х. ва Фузайлов Ф.
4. Ҷамъияти равоншиносон ва равонпизишкон - Сафарова З.
5. Гайбуллаев Далер, ҳуқуқшинос

### Сафари омӯзишӣ ба Лаҳистон

Дар соли 2023, Гурӯҳи мониторингӣ як қатор чорабиниҳоро бомуваффақият анҷом дод, аз ҷумла семинарҳои омӯзишӣ ва сафарҳои омӯзишӣ, ки ба баланд бардоштани малака ва дониши аъзои он мусоидат намуд. Аз 27 феврал то 4 марти соли 2023 намояндагони Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои Гурӯҳи мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар доираи сафари омӯзишӣ ба Лаҳистон ташриф оварданд. Сафар аз ҷониби Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон дар Лаҳистон ва Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ташкил карда шуд. Мақсади сафар мусоидат ба татбиқи Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 буд. Иштирокчиёни намояндагии Тоҷикистон ба муассисаҳои гуногун, аз ҷумла ММП назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Лаҳистон, Муассисаи ислоҳӣ дар Варшава ташриф оварда, инчунин бо роҳбарияти шӯъбаи Вазорати корҳои хориҷии Лаҳистон оид ба корҳои Осиёи Марказӣ ва дигар мутахассисони соҳаи низоми иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Лаҳистон вохӯриҳо доир намуданд. Дар натиҷаи сафар созишнома оиди рушди ҳамкорӣ дар соҳаи низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ байни мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Лаҳистон ба даст омад.

### Семинари омӯзишӣ дар Варшава

Аз 27 июн то 4 июли соли 2023 дар Варшава семинарҳои омӯзишӣ барои аъзои гурӯҳи мониторинги муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ва касалиҳои рӯҳӣ баргузор гардиданд. Ба ҳайси коршиносон кормандони Фонди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон баромад намуданд. Дар семинар воситаҳои баргузор намудани мониторинг такмил дода шуданд. Баъдан, коршиносони Фонд ба аъзои Гурӯҳи мониторингӣ ҳангоми анҷом додани мониторинг аз ҷониби онҳо машварат доданд.



**Омӯзишҳо барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ва ТТ СРИҶҶ ВА ҶТ**

**Дар моҳи сентябр-октябри соли 2023** ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" дар якҷоягӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии кишвар як қатор тренингҳо баргузор намуд.

Машғулиятҳо рӯзҳои 29-30 сентябр дар шаҳри Хуҷанд, 23-24 октябр дар шаҳри Душанбе ва 26-27 октябр дар шаҳри Бохтар баргузор гардиданд. Ба ҳайси тренерон мутахассисони зерин баромад намуданд: Ваҳобзода Абдураҳмон – муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Шарипова Мадина – равоншинос, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Худойдодова Фарида – табиб, корманди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; Таҳмина Жураева, Мадина Усманова, Наргис Зокирова – коршиносони ТҶ "Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният" ва Шахноза Насриддинова - коршиноси ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон".

Дар чорабинӣ кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноӣ, яъне сардорони отряд, кормандони оперативӣ - низомӣ (реҷавӣ), кормандони қисми тарбиявӣ, кормандони тиббӣ ва инчунин равоншиносон иштирок карданд.

## 3.4. ТАВЗЕҲИ МАСЪАЛАҲОИ ШИКАНҶА ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

26 январи соли 2023 бо ҳукми Суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе фаъолияти ташкилоти ҳамоҳангсози Гурӯҳи расонаӣ ТҶ “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” қатъ карда шуд, ки дар робита ба он кори Гурӯҳи расонаӣ боздошта шуд. Гурӯҳи расонаии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ яке аз гурӯҳҳои асосӣ буда, сомонаи Эътилоф сарчашмаи пешниҳоди иттилооти босифат ва объективӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои дигар ВАО дар Тоҷикистон мебошад.
Дар соли 2023 ҳаҷми маълумот оиди масъалаҳои шиканҷа ва\ё муносибати бераҳмона дар фазои иттилоотӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт: ҳамин тавр, дар тӯли тамоми сол танҳо якчанд хабарҳо оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар ҶТ нашр шуданд: Дар "Радиои Озодӣ" (4 маълумот), "Азия-Плюс" (1 маълумот), инчунин маълумот дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.

Дар соли 2023 аз ҷониби Гурӯҳи расонаии Эътилоф ҳамагӣ 8 мавод таҳия карда шуд[10]:

1) Таҳаввулоти ҷазо барои шиканҷа ё оё шиканҷа аз байн меравад? 03.01.2023 https://notorturetj.org/news/evolyuciya-nakazaniy-za-pytki-ili-uydut-li-pytki-v-proshloe
2) Барҳамдиҳии ташкилоти (иттиҳод) ҷамъиятӣ, 03.01.2023 https://notorturetj.org/library/likvidaciya-obshchestvennoy-organizacii-obedineniya
3) Гурӯҳи расонаӣ дар 2022: маъракаҳои дастгирии қурбониёни шиканҷа, оиди ҳуқуқи инсон ва конфронси ҷумҳуриявӣ, 05.01.2023 https://notorturetj.org/news/media-gruppa-v-2022-kampanii-v-podderzhku-zhertv-pytok-o-pravah-cheloveka-i-respublikanskaya
4) ГПП: в 2022 году было документировано 19 обращений по вопросам пыток и жестокого обращения, 16.01.2023 https://notorturetj.org/news/gpp-v-2022-godu-bylo-dokumentirovano-19-obrashcheniy-po-voprosam-pytok-i-zhestokogo

[10] Қаблан дар се соли охир дар сомонаи Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон тақрибан 1293 мавод: дар соли 2022-379 мавод; дар соли 2021 – 460 мавод; дар соли 2020-454 мавод нашр шуда буд.

5) ГКҲ: дар соли 2022-юм 19 муроҷиат оид ба масоили шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ шуд, 16.01.2023 https://notorturetj.org/tj/news/gkkh-dar-soli-2022-yum-19-murochiat-oid-ba-masoili-shikancha-va-munosibati-berakhmona
6) Группа по реабилитации: в 2022 году реабилитацию прошли 16 человек – жертв пыток и члены их семей, 17.01.2023 https://notorturetj.org/news/gruppa-po-reabilitacii-v-2022-godu-reabilitaciyu-proshli-16-chelovek-zhertv-pytok-i-chleny-ih
7) Гуруҳи офиятбахшӣ: соли 2022-юм 16 қурбонии шиканҷа ва аъзои оилаҳои онҳо офиятбахшӣ гузаштанд, 17.01.2023 https://notorturetj.org/tj/news/gurukhi-ofiyatbahshi-soli-2022-yum-16-kurbonii-shikancha-va-azoi-oilakhoi-onkho-ofiyatbahshi
8) Фаъолият оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбулӣ дар Тоҷикистон: тренингҳо, китоб барои занони маҳкумшуда, барномаи барқарорсозии маҳбусон, 23.01.2023 https://notorturetj.org/news/deyatelnost-po-vnedreniyu-standartov-stambulskogo-protokola-v-tadzhikistane-treningi-knizhka